Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 феврали соли 2020, №116
тасдиқ шудааст

Нақшаи миллии амалҳо
оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва
амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон (минбаъд – Нақшаи амалҳо) мутобиқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», инчунин барои амалишавии Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (давраи дуюм) барои солҳои 2017-2020, ки бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июни соли 2017, №901 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

2. Нақшаи амалҳо иродаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ - узви Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд - СММ) буда, барои тадриҷан тайёр намудани заминаи иҷтимоию иқтисодии муносиб ҷиҳати тасдиқи Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон (минбаъд - КҲМ) мусоидат менамояд. Он аз муқаррарот ва принсипҳои конвенсияҳо ва дигар санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст. КҲМ 22 марти соли 2018 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қароргоҳи СММ дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Америка ба имзо расонида шудааст.

3. Нақшаи амалҳо дорои хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ буда, амалишавии он бо дар назар доштани Ҳадафҳои Рушди Устувори СММ барои то соли 2030, дурнамои рушди дарозмуддати Тоҷикистонро, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ гардидааст, инъикос намуда, ба тақвият бахшидани ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбият ва тағйир додани муносибат нисбати маъюбон аз нуқтаи назари КҲМ равона шудааст.

4. Маъюбият тамоми соҳаҳои идоракунии маъмурӣ ва давлатӣ, иштироки сиёсӣ, рушди иқтисодиёт, муҳити оилавӣ ва иҷтимоиро фаро гирифта, уҳдадориҳо, масъулият ва иштироки тарафҳои манфиатдори гуногун, аз ҷумла сохторҳои давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро талаб менамояд. Маъюбият муносибати муфассал ва возеҳро аз рӯи ҳамаи ҷанбаҳо, ки ба таҳияи сиёсат ва ташкили хизматрасониҳо алоқаманд мебошанд, талаб менамояд.

5. Мисли дигар шаҳрвандон шахсони дорои маъюбият ба муносибати сазовор ва баробар дар ҷамъият ҳуқуқ доранд, инчунин онҳо бо мақсади худинкишофдиҳӣ ва иштироки комил ҳуқуқ ба дастраси баробар ба ҳамаи низомҳо, аз ҷумла маориф (таҳсилот), ҳифзи иҷтимоӣ, тавонбахшию

тавонмандсозӣ, тандурустӣ ва барномаҳои рушди малака, шуғл, дастрасӣ ба адолати судӣ ва ба дигар соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ ҳуқуқи баробар доранд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мавқеи СММ, аз ҷумла Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ ҳамраъй буда, маъюбиятро ҳамчун мушкилоти умимисоҳавӣ (иҷтимоӣ ва тандурустии ҷамъиятӣ, ҳуқуқи инсон ва афзалияти рушд) эътироф менамояд.

6. Нақшаи амалҳо ҳамчун «харитаи роҳ» ҳуҷҷати асосие ба шумор меравад, ки дар заминаи ба ҳам муттаҳид намудани саъйи мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои таъмини бунёди шароит ва механизмҳои зарурӣ баҳри амалишавии муқаррароти КҲМ равона гардидааст.

## 2. ВАЗЪИ ШАХСОНИ ДОРОИ МАЪЮБИЯТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

7. Тибқи маълумоти омори расмӣ **б**а ҳолати 1 декабри соли 2019 дар Тоҷикистон қариб 150 000 нафар маъюбон, аз ҷумла 27329 кӯдаки маъюб ба таври расмӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки тақрибан 1,6 фоизро аз шумораи умумии аҳолӣ (9126,6 ҳазор нафар) ташкил медиҳад. Вазъи пурра оид ба маъюбон, дастовардҳо ва мушкилоти соҳа дар Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 тасдиқ шудааст, дарҷ гардидааст.

8. Шахсони дорои маъюбият бо дигар шаҳрвандон ҳуқуқи баробар доранд, ки ин ҳуқуқҳо аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ сарчашма мегиранд. Ҳамзамон дар Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия ва қабул гардидаанд, ки тартиби амалишавии онҳоро муайян мекунанд. Чунончи, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии ҳифзи иҷтимоии маъюбонро муайян намуда, ба онҳо имконияти баробари зиндагӣ ва ҳамгироӣ бо ҷомеаро фароҳам меорад.

9. Дар қонуни мазкур мафҳумҳои асосии марбут ба маъюбӣ мушаххасан оварда шуда, принсипҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон, ваколатҳои Ҳукумати Ҷумҷурии Тоҷикистон, мақомоти давлатии ҳокимияти марказӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон муайян карда шудааст.

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» асосан ба ҳифзи иҷтимоии шахсони дорои маъюбият равона гардида, дар он ҳуқуқҳои маъюбон дар соҳаи адолати судӣ, қобилияти ҳуқуқдории граждании, муносибатҳои оилавӣ ва монанди инҳо пурра ва мушаххасан баён карда нашудаанд. Ҳарчанд дар қонунгузории соҳаҳои марбута, ба монанди Кодекси гражданӣ, Кодекси меҳнат, Кодекси оила ва ғайраҳо дар ин хусус муқаррароти муайян дарҷ гардидааст.

11. Дар таҷрибаи кор бо маъюбон ва раванди муайян намудани маъюбияти шаҳрвандон дар Тоҷикистон як усули муайян мавҷуд набуда, асосан модели дорои хусусияти тиббӣ ва хайриявӣ истифода карда мешавад. Дар баробари ин, дар барномаҳои соҳавӣ ва чорабиниҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ мавзӯъҳои

иҷтимоӣ ва принсипҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла муқаррароти КҲМ истифода мешаванд.

12. Модели тиббӣ ва хайриявӣ бештар нисбати кӯдакони маъюб ва маъюбони гурӯҳи якум истифода бурда, ба тифлони аз 2-сола хурд маъюбият муқаррар карда намешавад ва онҳо таҳти назорати муассисаҳои давлатии тандурустӣ ва хадамоти дахолати бармаҳал гирифта хоҳанд шуд.

13. Барои муайян намудани норасоиҳои болозикр, номутобиқатии муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, бахусус бо КҲМ ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақсаднок, бо дар назар доштани ҷанбаҳои гендерӣ ва истифодаи имкониятҳои зеҳнию ҷисмонӣ, инчунин масъулияти шахсии маъюбон зарурати анҷом додани таҳлили ҳаматарафаи тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба миён омадааст.

14. Дар ҷомеаи Тоҷикистон нисбати шахсони дорои маъюбият муносибати хайрхоҳона ва ғамхории анъанавӣ васеъ паҳн гардида бошад ҳам,  баъзан табъиз ба мушоҳида мерасад, ҳарчанд табъиз тибқи қонунгузорӣ манъ карда шудааст.

15. Дар аксар маврид шахсони дорои маъюбият, ҳатто онҳое, ки дорои имконияти корӣ ҳастанд (маъюбони қобили меҳнат) ва имконияти машғул шудан ба кор доранд, барои дарёфти шуғли муносиб ва касбу ҳунаре, ки даромади онҳоро таъмин кунад, кӯшиш намекунанд. Маъюбон ва аъзои оилаи онҳо дар бештар маврид ҳуқуқҳои худро намедонанд, маърифати кофии ҳуқуқӣ надоранд, аз ин сабаб дастрасии онҳо ба таҳсилот маҳдуд буда, иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ хеле кам ба назар мерасад.

16. Дар Тоҷикистон барои таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятии маъюбон тамоми шароити мусоид фароҳам оварда шуда, онҳо бо мақсади ҳифзи  ҳуқуқ ва манфиатҳои  қонунии худ, таъмини имконияти баробар бо шаҳрвандони дигар метавонанд иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис диҳанд.  Иттиҳодияҳои ҷамъиятии маъюбон ва ташкилотҳои онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз имтиёзҳои андоз истифода мебаранд.

17. Тибқи қонунгузории амалкунанда солҳои охир ба зиёда аз 20 иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ки таҷрибаи муайяни расонидани хизматҳои иҷтимоӣ ба кӯдакони дорои имконияти маҳдуд доранд, фаъолияти онҳо оид ба ташкили марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ба ин категорияи шаҳрвандон аз ҷониби давлат тавассути фармоишоти иҷтимоии давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

18. Хароҷоти давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ зиёда аз 15 фоизи буҷети давлатиро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда ба 4,7 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад. Маблағгузории муассисаҳои иҷтимоӣ ҳамасола зиёд гардида истодааст.

19. Ҳифзи иҷтимоии маъюбон, хусусан таҳти ғамхории доимӣ фаро гирифтани онҳо зери назорати бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, маҳз тавассути ташаббусҳо ва дастгириҳои бевосита даҳҳо муассисаҳои иҷтимоӣ барои маъюбон ва марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ таъсис дода, фаъолият карда истодаанд. Танҳо дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ зиёда аз 100 ташкилоти давлатӣ барои пешниҳоди хизматҳо ба маъюбон фаъолият намуда, ҳамасола ҳазорҳо маъюбон бо хизматрасониҳои гуногуни иҷтимоӣ фаро гирифта мешаванд.

20. Бо вуҷуди ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста барои рушди низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус маъюбон таъкид намуда, дар ҳар як паёми худ дар ин хусус дастуру супоришҳои мушаххас ироа менамоянд. Чунончи, моҳи январи соли 2015 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки «фаъолияти муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, ки ба дастгирии иҷимоии маъюбон ва дигар гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ равона гардидаанд, дигаргунсозиҳои (ислоҳоти) ҷиддиро талаб менамояд».

21. Нобобаста ба дастовардҳои ноилгардида ва тамоюлҳои мусбат дар маблағгузории соҳа, ҳаҷм, сифат ва дастрасии хизматрасониҳо нокифоя буда, дар ин самт бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шавад.

22. Амалигардонии тадбирҳои иловагӣ ва тақвият бахшидани корҳо дар самти маъмурикунонӣ, идора ва татбиқи муқаррароти қонунгузорӣ дар сатҳи маҳаллӣ баҳри омода гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқи КҲМ омили муҳим арзёбӣ гардида, дар ҳаёт амалӣ гардидани онҳо, аз ҷумла амалӣ намудани муқаррароти Конвенсияи мазкур дар асоси ҳамин Нақшаи амалҳо, ки ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоии давлат ҳохад буд, анҷом дода мешавад.

23. Тасдиқи КҲМ омода сохтани тартиби дохилиро барои амалӣ намудани уҳдадориҳо, ки тибқи Конвенсия ба зиммаи кишварҳои иштирокчӣ вогузор гардидааст, пешбинӣ менамояд. Ин гуна омодагӣ аз ду иқдоми асосӣ, ки дар моддаи 4 (1)- КҲМ дарҷ шудаанд, оғоз мегардад: қабул намудани меъёрҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ ва дигар меъёрҳо мутобиқ ба КҲМ ва даст кашидан аз он меъёрҳое, ки ба КҲМ мувофиқ нестанд.

24. Раёсати Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон қайд менамояд, ки «яке аз тадбирҳое, ки давлат бо мақсади иҷрои дахлдори Конвенсия бояд анҷом диҳад, ин гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории миллӣ ва асосҳои сиёсат нисбати маъюбон мебошад. Чунин таҳлил бояд хеле дақиқ анҷом дода шавад ва набояд танҳо баррасии модда ба моддаи Конвенсия бошад, балки усули мукаммалеро дар ин раванд пешбинӣ намояд, ки алоқамандӣ ва ҷудонопазирии ҳуқуқҳои инсонро таҷассум намояд... Мутобиқ ба Конвенсия дар ҷараёни чунин таҳлил таъмин намудани иштироки ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва пеш аз ҳама ташкилотҳои маъюбон зарур мебошад».

25. Чорабиниҳои замимагардидаи Нақшаи амалҳо бо дар назар доштани тадбирҳои болозикр таҳия гардида, асосан самтҳои зеринро дар бар мегиранд:

- такмил додани қонунгузорӣ дар қисмати таъмини мутобиқати он ба муқаррароти КҲМ;
- фароҳам овардани шароит барои иштироки фаъоли шахсони маъюб дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии ҷомеа, баланд бардоштани масъулияти шахсӣ ва ташаккули фаҳмиши худтаъминкунии маъюбон баҳри истифодабарии иқтидори худ дар раванди ҷомеа ва ҳаёти шахсӣ;
- бунёди муҳити иҷтимоии мусоид ва дастрас барои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд, аз ҷумла маъюбон;
- баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии маъюбон ва аъзои оилаи онҳо, тақвият додани маъракаҳои иттилоотӣ оид ба масъалаҳои маъюбият ва ташаккули тарзи ҳаёти солим.

Замима

ба Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон

ЧОРАБИНИҲОИ НАҚШАИ МИЛЛИИ АМАЛҲО
ОИД БА ОМОДАГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ТАСДИҚ ВА АМАЛИНАМОИИ КОНВЕНСИЯ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚҲОИ МАЪЮБОН
БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2024

| **Афзалиятҳо аз рӯи Конвенсия** | **Номгӯи чорабиниҳо** | **Мӯҳлати иҷро** | **Иҷрокунандагон** | **Манбаи маблағгузорӣ** |
|---|---|---|---|---|
| **1. Ӯҳдадориҳои умумӣ** | | | | |
| моддаи 4(1) | 1.1. Тартиб додани ҷадвали мутобиқгардонии қонунгузории соҳавӣ бо муқаррароти КҲМ, аз ҷумла **баррасии зарурати таҳия намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” дар таҳрири нав ва ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни амалкунанда.**<br>Пурра баррасӣ намудани меъёрҳо ва муқаррароте, ки аз ҷумла ба қонунгузории моддӣ ва мурофиавӣ дахл дошта, муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, ҳуқуқии ҷиноятӣ ва ҳуқуқии маъмуриро танзим менамоянд, баррасии қонунҳо, ки ба масъалаҳои интихобот ва иштирок дар интихобот, муҳоҷират ва ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, нигоҳ доштан дар боздоштгоҳ ва маҳбасхонаҳо, суғурта, таҳсилот, шуғли аҳолӣ, саломатӣ, аз ҷумла солимии равонӣ, гузаронидани муоинаи ҳатмии вазъи саломатӣ ва табобат, муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ, васоят ва парасторӣ, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, қонунгузорӣ дар соҳаи амният, мурoҷиати шаҳрвандон ва ғайраҳо бахшида шудаанд | 2020-2023 | ГКБДИП, ВИД, ММҚ, ВҲИ | Кумаки техникии шарикони рушд, дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 1.2. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории зерини Ҷумҳурии Тоҷикистон: дар бораи интихобот, мурофиавии граждании, андоз, граждании, манзил, меҳнат, оила, маориф, тандурустӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, мурофиавии иқтисодӣ, дар бораи истеҳсолоти иҷро, адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, ҳифзи маълумоти шахсӣ, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, нотариати давлатӣ, ҳимояи давлатӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, забони давлатӣ ва ғайраҳо | 2020-2023 | ВИД, ММҚ, ВҲИ | |
| | 1.3. Дар таҳрири нав таҳия ва қабул намудани Дастурамал оид ба ташхиси тиббию иҷтимоӣ. | 2020-2023 | ВТҲИА | |
| Моддаи 33(2) | 1.4. Таҳлили масъалаи таъсис додани кумитаи (ё шӯрои) ҷамъиятӣ оид ба ҳуқуқҳои маъюбон дар парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2020-2021 | ВТҲИА, ВҲИ дар мувофиқа бо МНМОҶТ | |
| Моддаи 4(1) | 1.5. Тақвият додани мақоми ҳуқуқии забони имову ишора ва доираи истифодабарии ҳуруфоти Брайл | 2020 | КЗИ, ВМИ, ВФ, ВА, АИ | Маблағгузории буҷети давлатиро талаб намекунад, кумаки техникии шарикони рушд |
| Моддаи 4(3) | 1.6. Баррасии масъалаи таъсис додани сармутахассиси ғайриштатӣ оид ба масъалаҳои маъюбӣ ё мансаби мушовир оид ба масъалаҳои маъюбон дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҳисоби мутахассисони маъюбиятдошта | 2021-2022 | КРМ, МИМҲД | Дар доираи маблағҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, кумаки техникии шарикони рушд, дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |
| Моддаи 19 | 1.7. Тақвият бахшидан ба раванди ғайриниҳодасозии шаклҳои хизматрасонии иҷтимоӣ бо роҳи:<br>- таҳия намудани қоидаҳои нави қабули бошандагон ба муассисаҳои статсионарӣ (хона/мактаб-интернатҳо);<br>- инкишоф додани хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона бо роҳи бозсозии низоми маблағгузории раванди дастгирии иҷтимоӣ ва ҷорӣ намудани ихтисоси "Ёрирасони шахсӣ"<br>- амалӣ намудани лоиҳаи таҷрибавии гурӯҳҳои дастгирии падару модари кӯдакони (навзодони) дорои маъюбият;<br>- таъмини дастрасии баробари маъюбон ба хизматрасонӣ ва объектҳои истифодаи умум;<br>- таҷдиди низоми муассисаҳои статсионарии марбут ба ҳифзи | Мунтазам | ВМИ, ВТҲИА, КМС, МИМҲД | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи мақомоти дахлдор, кумаки техникии шарикони рушд, дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | иҷтимоии маъюбон;<br>- инкишоф додани хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона, аз ҷумла бо роҳи бозсозии низоми маблағгузории хадамоти иҷтимоии давлатӣ | | | |
| **2. Таҳсилот** | | | | |
| Моддаи 24 | 2.1. Чораандешӣ вобаста ба:<br>- фароҳам сохтани имкониятҳо барои маъюбон ҷиҳати дастрасии баробар бо дигарон ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи босифат ва ройгон дар маҳали зист;<br>- роҳ надодан ба хориҷ кардани маъюбон бо сабабҳои маъюбӣ аз соҳаи таҳсили умумӣ ва кӯдакони маъюб аз низоми таҳсилоти ройгони ибтидоӣ ва миёна;<br>- андешидани чораҳои муносиб барои мусоидат ба кори омӯзгорон, аз ҷумла аз ҳисоби омӯзгорони маъюбе, ки забонҳои имову ишора ва ё алифбои Брайлро медонанд ва барои омӯзиши мутахассисон ва ҳайати омӯзгорон дар ҳамаи сатҳҳои соҳаи маориф;<br>- таъмин намудани дизайни оқилона ва тадбирҳои фарогир бо мақсади ба маъюбон дастрас гардонидани таҳсилоти умумӣ, касбӣ, барои калонсолон ва омӯзиш дар давраи ҳаёт бе ягон маҳдудият баробар бо дигарон | мунтазам | ВМИ, КМС, ВҲИ, МИМҲД | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи мақомоти дахлдор, маблағгузории шарикони рушд, дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |
| | 2.2. Тайёр намудан ва азнавтайёркунии (бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси) омӯзгорон оид ба масоили дастрасии шахсони маъюб ба таҳсилот, омода сохтан ва дар низоми таҳсилот ба кор ҷалби кадрҳои нави соҳибихтисос аз ҳисоби маъюбон | 2020-2021; 2023-2024 | ВМИ, ВРИС, ВММША | |
| | 2.3. Баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум, аз ҷумла маъюбон ва аъзои оилаи онҳо дар бораи таҳсилоти фарогир тавассути кор бо ҷамоаҳо, воситаҳои ахбори омма ва корҳои фаҳмондадиҳӣ, аз ҷумла дар торнамои интернетии ВМИ, дигар вазорату идораҳои дахлдор ва МИМҲД ҷойгир намудани иттилоот дар бораи қоидаҳои қабул ба муасисаҳои томактабӣ ва умумии миёна, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ бо шарҳи муфассали тартиби қабули маъюбон дар ин муассисаҳо | мунтазам | КТР, ВФ, ВМИ, ВТҲИА, ККЗО, ККҶВ, МИМҲД, ИЖ, АВАО | |
| | 2.4. Таҳия намудани стандарти барномаҳои таълимӣ барои ҳамаи | 2020-2022 | ВМИ, ВММША, | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | зинаҳои таҳсилот бо дар назар доштани принсипи дастрасии шахсони маъюб ба таҳсилоти фарогир (таълиму тарбия) | | ДМСМТД | |
| | 2.5. Таъмин намудани шахсони маъюб бо маводи таълимии барои онҳо мувофиқ ва бо дар назар доштани талаботи инфиродии онҳо дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ | мунтазам | ВМИ, ВММША, ВТҲИА | |
| Моддаи 9 | 2.6. Тайёр намудани тарҷумонҳои забони имову ишора барои муассисаҳои олии таълимӣ ва азнавтайёркунии омӯзгорони мавҷудаи муассисаҳои томактабӣ ва мактабии ношунавоён | мунтазам | ВМИ | |
| **3. Дастрасӣ** | | | | |
| Моддаи 9 | 3.1. Таҳия ва қабул намудани барномаи давлатии «Муҳити дастрас» | 2020 | КМС, ВТҲИА, ВМИ, ВН, ХА | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи мақомоти дахлдор, маблағгузории шарикони рушд, дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |
| | 3.2. Ташкил намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ барои ҳамаи тарафҳои манфиатдор оид ба муҳимият ва мушкилоти муҳити дастрас | мунтазам | КТР, ВМИ, ВФ, ВТҲИА, КМС, МИМҲД | |
| | 3.3. Таъмин намудани дастрасии ҷисмонӣ ва иттилоотӣ барои шахсони маъюб дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ | мунтазам | КМС, ВМИ, МИМҲД, ДМСМТД | |
| Моддаи 9(2)(c) | 3.4. Дар барномаҳои таълимии тайёр кардани мутахассисон дар муассисаҳои таълимии дахлдор ворид намудани курси ҳатмӣ дар бораи «Муҳити дастрас» | 2020-2021 | ВМИ, КМС, ДМСМТД | |
| | 3.5. Ҳамасола гузаронидани рейдҳои назоратӣ оид ба риояи меъёрҳои дахлдори дастрасии маъюбон ба бино ва иншоот ва дар заминаи он гузаронидани озмуни меъмори беҳтарин оид ба ташкили муҳити дастрас бо дар назар доштани тарҳи универсалӣ | мунтазам | КМС, МИМҲД, КТР, ИМ | |
| Моддаи 9(2)(g) | 3.6. Андешидани чораҳо вобаста ба:<br>- таъмини дастрасии одамони ношунаво ва нобино ба барномаҳои телевизионӣ (варзишӣ, хабарӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва филмҳо) бо истифодаи тарҷумаи забони имову ишора ва субтитрҳо бо забони тоҷикӣ;<br>- таҳияи таснифоти меъёрии дастрасии хадамоти таъҷилӣ тавассути тарҷумаи имову ишора ва таъмини амалигардии он, таъмини дастрасӣ ба торнамоҳои мақомоти давлатӣ (тавассути ташаккул додани нусхаҳо бо ҳуруфоти калон ва сабти овозӣ ва мисли онҳо);<br>- таъмини кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбият дар мурофиаҳои судӣ;<br>- таъмин намудани дастрасии мувофиқ ба зерсохтор ва хизматрасониҳои нақлиёти ҷамъиятӣ | мунтазам | КТР, ВН, ХА, ААГ, МИМҲД | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Моддаҳои 4(3) ва 9 | 3.7. Ба ҳайати комиссияи давлатии қабули бино ва иншоотҳои давлатӣ ворид намудани намояндагони Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуѓли аҳолӣ ва ташкилоти ҷамъиятии маъюбон вобаста ба мутобиқатии сохтмонҳо ба тарҳи универсалӣ | 2020 | КМС, ВТҲИА, ВММША | Маблағгузориро талаб намекунад |
| Моддаи 27(1)(d), (к) | 3.8. Таъмин намудани шароити мусоид барои ҳамаи категорияҳои маъюбон барои таҳсилот ва касбомӯзӣ дар марказҳои касбомӯзӣ ва таълими калонсолон | мунтазам | ВММША, АСИН, МИМҲД | Дар доираи барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ, маблағгузории шарикони рушд, дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |
| **4. Меҳнат ва шуғл** | | | | |
| Моддаи 27 | 4.1. Дар барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва дигар барномаву нақшаҳои соҳавӣ пешбинӣ намудани маблағгузорӣ (додани қарзҳои имтиёзнок, грантҳо ва дигар имтиёзҳои меҳнатӣ ва ташкили соҳибкории хурду миёна) ҷиҳати бо кор таъмин намудани шахсони маъюб ва аъзои оилаи онҳо | мунтазам | ВММША, ККЗО, АСИН, МИМҲД | Дар доираи барномаҳои соҳавӣ, маблағгузории шарикони рушд, дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |
| | 4.2. Ҷорӣ намудани принсипи масъулияти шахсӣ дар байни шахсони маъюбиятдошта ва аъзои оилаи онҳо барои худтаъминкунӣ ва истифодабарии оқилонаи қувваи корӣ аз ҷониби шахсони маъюб ва аъзои оилаи онҳо | мунтазам | ВТҲИА, МИМҲД | Манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, кумакҳои шарикони рушд |
| | 4.3. Андешидани чораҳо вобаста ба:<br>- дастгирии давлатӣ ҷиҳати ба кор андохтани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии маъюбон, кару гунгҳо ва нобиноён;<br>- баррасии масъалаи таҳияи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фармоиши давлатӣ барои рушди соҳибкории иҷтимоӣ | то соли 2023 | ВТҲИА, ВСТН, КА, ХГ, КДС, МИМҲД, ДМД | |
| **5. Тандурустӣ ва тавонбахшӣ** | | | | |
| Моддаи 25 | 5.1. Таъмини чорабиниҳои мушаххас баҳри пешгирӣ намудани ҳолатҳое, ки сабабгори маъюбияти аҳолӣ мебошанд, тадбирҳои скрининг ва даҳолати бармаҳал, хусусан дар овони ҳамл ва тифлӣ | мунтазам | ВТҲИА, МИМҲД | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи мақомоти тандурустӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ, маблағгузории шарикони рушд, дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |
| Моддаҳои 9 ва 25 | 5.2. Таъмини дастрасии муносиб ба ҳамаи намудҳои хизматрасонии тиббӣ, аз ҷумла марказҳои солимии репродуктивӣ, таваллудхонаҳо ва таъминоти доруворӣ тариқи дорухатҳои муассисаҳои тандурустӣ | мунтазам | ВТҲИА, МИМҲД | |
| Моддаҳои 25 | 5.3. Таъсис додани марказҳои реабилитатсионии (солимгардонӣ | шурӯъ аз | ВТҲИА, ВММША, | Дар доираи маблағҳои |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ва 26 | ва офиятбахшии) шаҳрвандоне, ки бемориашон пурра бартараф нагардидааст ва барои шахсоне, ки дар натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ ё ҳолатҳои ғайричашмдошт (садамаҳо) ба саломатиашон зарар расонида шудааст ва ё маъюб гаштаанд | соли 2022 | ВСТН, ММИҲД, ФИКМ | пешбининамудаи мақомоти дахлдор ва буҷетҳои маҳаллӣ, маблағгузории шарикони рушд, дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |
| | 5.4. Тақвият бахшидани фаъолияти муассисаҳои илмии клиникии пешгирии бемориҳо, хусусан бемориҳои касбӣ ва кӯдакона | мунтазам | ВТҲИА, АИТ | |
| | 5.5. Сохтмони бинои нави клиникӣ барои муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон" | 2021-2024 | ВТҲИА, КДСИАД, ВРИС | Аз ҳисоби ҷалби шарикони рушд ва дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |
| Моддаи 27 | 5.6. Таҳия намудани системаи нави муайян намудани дараҷаҳои гум кардани қобилияти меҳнатии шахсони маъюб ва таснифот оид ба вазифаҳо ва имкониятҳои функсионалии организм | 2021 | ВТҲИА, ВММША, АСИН, ФИКМ | Кумакҳои техникии шарикони рушд ва дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |
| **6. Иштирок дар ҳаёти сиёсӣ, ҷамъиятию фарҳангӣ ва машғул шудан ба варзиш** | | | | |
| Моддаи 29 | 6.1. Бунёди шароити муносиби дастрасии ҷисмонӣ ва иттилоотӣ барои маъюбон дар ҳамаи ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ ҳангоми баргузории интихобот ва маъракаҳои пешазинтихоботӣ | дар мавридаш | КМИР, МИМҲД | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи мақомоти дахлдор, маблағгузории шарикони рушд, дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |
| | 6.2. Дастгирӣ ва омода намудани шахсони маъюб барои иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ бо роҳи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ | мунтазам | ВИД, МИМҲД | Кумаки техникии шарикони рушд, дигар манбаъҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст |
| | 6.3. Ворид намудани шахсони маъюб ва ё намояндагони қонуни онҳо ба сифати мушоҳидон дар участкаҳои интихоботӣ | дар мавридаш | КМИР, МИМҲД | Маблағгузориро талаб намекунад |
| | 6.4. Баррасии масъалаи коркарди механизми пешбарӣ намудани шахсони маъюбиятдоштаи арзанда ба рӯйхати номзадҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар интихоботи парламентии кишвар бо дар назар доштани баробарии гендарӣ | дар мавридаш | ВА, КМИР | |
| Моддаи 30 | 6.5. Таъмини шароити муносиб барои маъюбон баҳри дастрасии онҳо ба ҳамаи асарҳои фарҳангӣ, телевизионӣ, театрӣ, кино, осорхона, китобхона ва дигар муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ новобаста аз шакли моликияташон | мунтазам | ВФ, КРС, ККҶВ, МИМҲД | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи мақомоти дахлдор, маблағгузории шарикони рушд, дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |
| | 6.6. Андешидани тадбирҳо:<br>- барои ҳавасмандгардонӣ ва ташвиқот ҷиҳати иштироки ҳарчи бештари маъюбон дар чорабиниҳои варзишӣ;<br>- барои таъмини он, ки маъюбон имконияти ташкил намудани чорабиниҳои варзишӣ ва истироҳатиро махсус барои маъюбон | мунтазам | ККҶВ, МИМҲД, КП, ФГВҶ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | дошта бошанд ва барои мусоидати вобаста ба он ки онҳо баробар бо дигарон ба омӯзиш, тайёрӣ ва захираҳои муносиб таъмин гарданд;<br>- барои таъмини он, ки маъюбон ба объектҳои варзишӣ, дамгирӣ ва сайёҳӣ дастрасӣ дошта;<br>- барои таъмини он, ки кӯдакони маъюб баробар бо дигар кӯдакон барои иштирок дар бозиҳо, дар гузаронидани истироҳат ва дамгирӣ ва дар чорабиниҳои варзишӣ, аз ҷумла чорабиниҳо дар доираи системаи мактабӣ ҳуқуқи баробар дошта бошанд | | | |
| | 6.7. Мусоидат ҷиҳати иштирок ва дастрасии шахсони маъюбиятдошта дар ҳаёти фарҳангӣ, истироҳат ва фароғат, инчунин рушди варзиши маъюбон | 2022 | ВТҲИА, ВФ, ККҶВ, МИМҲД,<br>КП, ФГВҶ | |
| | **7. Корҳои маърифатӣ ва тарбиявӣ** | | | |
| Моддаи 8 | 7.1. Баланд бардоштани маълумотнокии ҷомеа дар бораи фаҳмиши муосири масоили маъюбият бо дар назар доштани усулҳои ба ҳуқуқи инсон асосёфта дар байни шахсони маъюб ва аъзои оилаи онҳо, аз ҷумла падару модари кӯдакони маъюб, мақомоти давлатӣ, мутахассисон (омӯзгорон, табибон, кормандони иҷтимоӣ, ҳуқуқшиносон ва мисли инҳо), бахши хусусӣ, аз ҷумла воситаҳои ахбори омма ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар бораи дастрасӣ ба таҳсилот, таъмини шароити баробар барои шуғл ва бокортаъминкунӣ, дастрасӣ ба ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқҳои репродуктивӣ, ба варзиш, сайёҳӣ, ҳаёти фарҳангӣ, кам кардани хатарҳо дар ҳолатҳои рух додани офатҳои табиӣ, ҳолатҳои фавқулода ва мисли инҳо | мунтазам | ВИД, МИМҲД | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи мақомоти дахлдор, маблағгузории шарикони рушд, дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |
| Моддаи 8 (2) | 7.2. Мусоидат барои баланд бардоштани иқтидор ва фаъолнокии шахсони маъюб, бо дар назар доштани усулҳое, ки ба ҳуқуқи инсон асос ёфтаанд, аз ҷумла дастгирии таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятии нав, дарёфти грантҳо барои фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар самтҳои афзалиятнок ва ғайра | мунтазам | ВИД, ВҲИ, МИМҲД | Маблағгузории иловагиро талаб намекунад |
| | **8. Мониторинг ва арзёбии амалишавии Нақшаи амалҳо** | | | |
| Моддаи 31 | 8.1. Такмил додан ва ҷорӣ намудани ҳисоботи оморӣ ва ҷамъоварии мутамарказии иттилоот, аз ҷумла баррасӣ ва такмил додани шаклҳои амалкунандаи ҳисоботи оморӣ, ки дар онҳо оид ба маъюбон маълумот дода мешаванд ва ҷамъоварӣ намудани | мунтазам | АО, ВТҲИА, АСИН, МИМҲД | Маблағгузори иловагиро талаб намекунад |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | иттилооти муносиб, паҳн кардани иттилооти ҷамъоваригардида ва мавриди истифода бурдани онҳо ҳангоми таҳия ва амалӣ намудани стратегияву барномаҳои соҳавӣ | | | |
| Моддаи 33 | 8.2. Гузаронидани чорабиниҳо оид ба маълумотнокии аҳолӣ дар бораи КҲМ | мунтазам | КТР, ВИД, МИМҲД | Маблағгузории иловагиро талаб намекунад |
| | 8.3. Таҳлили раванди аз ҷониби иҷрокунандагон иҷро кардани чорабиниҳои пешбининамудаи Нақшаи амалҳо | ҳар нимсола | ДИП, ГКБДИП | Маблағгузории шарикони рушд, дигар манбаъҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст |
| | 8.4. Таҳия ва нашри маводи иттилоотӣ, китобчаҳо, китобу маҷмааҳо, мақолаҳо дар бораи КҲМ ва дигар мавзӯъҳои марбут ба конвенсия ва масоили маъюбӣ дар шаклу усулҳои барои ҳама маъюбон дастрас | мунтазам | ВИД, МИМҲД | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи мақомоти дахлдор, маблағгузории шарикони рушд, дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ |

ЭЗОҲ:

1. Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби вазорату идораҳои ваколатдор таҳия гардида, аввалан ба баррасии гурӯҳи кории байниидоравии назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд. Пас аз баррасии он дар ҷаласаи гурӯҳи корӣ дар сурати зарурат лоиҳаи таҳиягардида тибқи тартиби муқаррааргардида бо вазорату идораҳо мувофиқа гардида, сипас ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда мешавад.

2. Барои иҷрои чорабиниҳо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, намояндагони дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар мувофиқа ҷалб карда мешаванд.

Рӯйхати ихтисораҳо:

ДИП – Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ГКБДИП - гурӯҳи кории байниидоравии назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
МНМОҶТ - Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВИД – вазорату идораҳои дахлдор
ДМД – дигар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ДМСМТД - дигар мақомоте, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимӣ доранд
КМИР – Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон
АО – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
КРМ - Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВА – Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМИ – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВММША – Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВН – Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВРИС – Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВСТН – Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВТҲИА – Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолииҶумҳурии Тоҷикистон
ВФ – Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
КДСИАД – Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
КА - Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КЗИ – Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ККЗО – Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ККҶВ – Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КРС - Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КМС – Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
КТР – Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ААГ – Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
АСИН – Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ХА – Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ХГ – Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВҲИ – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
ММҚ – Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
МИМҲД – мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ
АИ – Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
АИТ – Академияи илмҳои тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон
АВАО – Академияи воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ФИКМ – Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон
ИЖ – Иттифоқи журналистони Ҷумҳурии Тоҷикистон
ИМ – Иттифоқи меъморони Ҷумҳурии Тоҷикистон
КП – Кумитаи паралимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ФГВЧ – федератсияҳои гуногуни варзишии кишвар